# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии № ___**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз**
**17 сентябри соли 2026, № 31**

**Барои сазовор донистани Нуруллозода Меҳрулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, 2 июли соли 2026, №30 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, куч. Мастонгулов - 3, толори Шурои диссертатсионии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Нуруллозода Меҳрулло 7-уми июли соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2009 ба факултети №5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2013 онро бо ихтисоси «огоҳонӣ ва бартараф кардани ҳолатҳои фавқулода» хатм намудааст. Ҳамзамон, соли 2016 ба факултети №3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2020 бо ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» хатм намудааст.

Аз соли 2013 то соли 2024 дар вазифаҳои муаллим, муаллими калон, сардори кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулода, сардори кафедраи бехатарӣ аз сӯхтор ва сардори факултети №5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият кардааст. Аз 28-уми феврали соли 2024 то имрӯз ба ҳайси сардори Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб ифои вазифа намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2023, №7 тасдиқ карда шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 14 феврали соли 2026, №2 аз ҷониби Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар ҷаласаи кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 апрели соли 2026, №9 муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Сафарзода Ҳаёт Сайдамир – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Диноршоҳ Азиз Мусо –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**- Маҳмудов Изатулло Тешаевич –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**- Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Элназаров Д.Х. – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Умедов К.М. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Смоктий М.Е., имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Золотухин А.В. санаи 27 августи соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд карда мешавад, ки диссертатсия дорои сатҳи баланди илмӣ буда, ба талаботи муқарраркардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Ҳамчунин, дар хулосаи мазкур зикр карда шудааст, ки рисола

мувофиқи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Фармони №267-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии рисолаи диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Нуруллозода, М., Сафарзода, Ҳ.С. Масоили назариявӣ-ҳуқуқии мафҳумҳои «ҳолати фавқулодда» ва «вазъияти фавқулодда» [Матн] / М. Нуруллозода, Ҳ.С. Сафарзода // Осори Академия. – 2023. – № 4 (60). – С. 116-127; ISSN 2412-141X.

**[2-М]**. Нуруллозода, М. Тавсифи умумии хатарҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табииву техногенӣ ва асосҳои назариявии ташкили пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо [Матн] / М. Нуруллозода // Осори Академия. – 2024. – № 4 (64). – С. 172-181; ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Нуруллозода, М. Нақши милитсия дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ [Матн] / М. Нуруллозода // Осори Академия. – 2025. – № 2 (66). – С. 177-186; ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Нуруллозода, М. Мафҳум ва моҳияти асосҳои ташкилии идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои табиӣ ва техногенӣ [Матн] / М. Нуруллозода // Қонуният. – 2025. – № 4 (60). – С. 462-469; ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Нуруллозода, М. Мухолифатҳои қонунгузорӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиию техногенӣ ва дурнамои ҳалли онҳо [Матн] / М. Нуруллозода // Осори Академия. – 2025. – № 4 (68). – С. 165-175; ISSN 2412-141X.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Нуруллозода, М. Амнияти зиддисӯхторӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулоддаи техногенӣ: таҷрибаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. Нуруллозода // Маҷмуаи маводҳои Конфронси XII байналмилалии илмӣ-амалии олимони ҷавон дар мавзуи «Таъмини амнияти фаъолияти ҳаётӣ: мушкилот ва дурнамо». – Минск: Донишгоҳи ҳифзи граждании Вазорати ҳолатҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Белорус, 2018. – С. 70-73. ISBN 978-985-590-030-7.

**[7-М].** Нуруллозода, М. Энергияи обӣ: энергияи бехатар [Матн] / М. Нуруллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тоҷикистон кишвари пешсаф дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ вобаста ба об» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (сс. 2018-2028). – Душанбе, Контраст, 2018. – С. 39-41. УДК 621.311.

**[8-М].** Нуруллозода, М. Гидроэнергетика – сарчашмаи иқтисоди бехатар [Матн] / М. Нуруллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тағйирёбии иқлим, ақибгардии пиряххо ва таъсири он ба захираҳои обии Осиёи Марказӣ» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028» – Хуҷанд, Нури маърифат, 2018. – С.195-197.

**[9-М].** Нуруллозода, М. Вазъи мудофиаи граждании дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. Нуруллозода // Маҷмуаи маводҳои Конфронси VII байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии мудофиаи граждании дар мавзуи «Мудофиаи граждании дар ҳифзи сулҳу амният». – М.: Академияи Вазорати мудофиаи граждании, ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи окибатҳои офатҳои табиии Федератсияи Россия, 2023. – С. 317-322. ISBN 978-5-9229-0271-7.

**[10-М].** Нуруллозода, М. Нақши илм дар дар замони муосир: мушкилот ва дастовардҳо [Матн] / М. Нуруллозода // Маҷмуаи маводҳои Конфронси II байнифаннии илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илм ҳамчун муаррифгар: назария ва амалия». – М.: Академияи Вазорати мудофиаи граждании, ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи окибатҳои офатҳои табиии Федератсияи Россия, 2023. – С. 112-117. ISBN 978-5-9229-0191-8.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Муродзода А.А.** – Ходими хурди илмии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Каримов Ҳ.М.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Оралбоев Х.Х.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Аз матни автореферат бармеояд, ки диссертант ҷонибдори муттаҳид сохтани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» дар доираи як қонуни мукаммал мебошад. Чунин мавқеъгирии муаллиф асоснокkунии қавитарро ҳангоми ҳимояи ошкоро тақозо менамояд.

2. Вобаста ба нақши милитсияи карантинӣ дар пешгирӣ намудани беморим ҳамашумули сироятии «КОВИД-19» мавқеи муаллиф бо таври бояду шояд равшан нест.

3. Муаллиф дар зербоби 3-юми боби дуюм зикр менамояд, ки Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ баромад менамояд. Дар ҷойи дигар бошад, дарҷ мекунад, ки тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда, вобаста ба бехатарӣ аз сӯхтор, Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро амалӣ месозад. Яъне, чунин раванд аз номутаносибии системаи идоракунии давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ шаҳодат медиҳад, ки равшаннамоии мавқеи муаллифро ҳангоми ҳимояи ошкоро тақозо менамояд.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи ташкил, омодасозӣ ва идоракунии гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст дар шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадии мазкур баррасӣ карда шудааст;

– **пешниҳод шудааст:** таърифи муаллифии мафҳумҳои «ҳолатҳои фавқулода», «вазъияти фавқулода», «шароитҳои махсус», «сохтори ташкилӣ», «омодагии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» ва дигар истилоҳоти ҳуқуқии бо онҳо алоқаманд ҳосил шудаанд, ки заминаҳои консептуалии ташкили идоракунии мақомоти салоҳиятдори давлатиро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ташкил медиҳанд;

– **исбот шудааст:** самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз ташкил, омодагӣ ва идоракунии гурӯҳҳои функсионалии қаблан муттаҳидкардашудаи ҷузъу томи мақомоти милитсия вобаста мебошад, ки аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияташон онҳо барои иҷрои вазифаҳои муввақатии фаврӣ-тактикӣ дар ҳолаҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ сафарбар карда мешаванд;

– **ҷорӣ намудани:** пешниҳод гардидааст, ки бинобар муносибатҳои ҷамъиятии ҳамшабеҳ ва бо якдигар алоқамандро ба танзим даровардани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва ғ. онҳо дар доираи як қонуни мукаммал муттаҳид карда шаванд. Чунин иқдом дар оянда барои аз байн

бурдани такроршавии функсияҳои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мусоидат намуда, самаранокии фаъолияти муштараки онҳоро дар ин самт баланд мебардорад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашударо метавон дар омӯзиши минбаъдаи масоили илмӣ-назариявӣ ва амалӣ марбут ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди такмили қонунгузории соҳавӣ ба таври васеъ истифода гардида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма ва заминаи боэътимод баромад намоянд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** самтҳои гуногун ва ҷанбаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар қисмати хусусияти умумидошта аз нигоҳи илмҳои фалсафа, мантиқ, психологияи идоракунӣ, сотсиологияи идоракунӣ, назарияи иқтисодӣ, назарияи идоракунӣ ва дар қисмати дорои аҳаммияти махсус (самти тахассусӣ) аз нигоҳи илмҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ, идоракунии мақомоти милитсия дар шароитҳои махсус, асосҳои идоракунии мақомоти милитсия ва ғайра мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд. Дар таҳқиқот усулҳои умумии фалсафӣ, ба монанди усулҳои диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ, таҳлилӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили усулҳои махсуси расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, сохторӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои пурсиш (пурсиши хаттӣ) ва мусоҳиба (пурсиши шифоҳӣ) ҳамчун усулҳои мушаххаси таҳқиқоти сотсиологӣ низ истифода гардидааст.

– **баён шудани** таснифоти хавфу хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ вобаста ба ҳудуд, мазмун ва оқибатҳои онҳо, таснифи гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ вобаста ба минтақаҳои эҳтимолии ба вукуъ омадани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, мушаххас гардонидани функсияҳои асосӣ ва иловагии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ташкили ситоди оперативӣ ва коркарди нақшаҳои оперативии ғайримахфӣ барои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ самаранокии фаъолияти мақомоти милитсия ва дигар ниҳодҳои масъули давлатиро дар ин самт афзун месозад;

– **ошкор гардидани** омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи объективӣ ва субъективии костакунандаи ҳамкории байни ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар сохторҳои салоҳиятдори давлатӣ ба пояҳои

бунёдии ташаккули фаъолияти муштарак ва якҷояи ниҳодҳои давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ таъсири манфӣ расонида, аз ҷониби дигар ба иҷрои воқеии талаботи қонунгузории ҳолатҳои фавқулода монеа мешаванд;

**– омӯхта шуданд:** қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва баъзе аз давлатҳои хориҷии дигар оид ба танзими фаъолияти ҷузъу томи мақомоти милитсия ва ташкили ҳамкории байни онҳо бо дигар мақомоти давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, маҷмуи асарҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ оид ба масъалаҳои мубрами мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

**– аз нав такмил додани** баъзе аз муқарраротҳои қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз ҷумла, тағйири ном кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ», муттаҳид сохтани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва мукаммал сохтани асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии омодасозӣ ва ҷалби гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ барои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, ки дар маҷмуъ барои иҷрои вазифаҳои милитсия дар ҳолатҳои фавқулода, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои аз он бадастомада метавонанд аз ҷониби мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин, дар такмили қонунгузории соҳавӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, истифода гарданд. Илова бар ин, маводи диссертатсияро метавон ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисоси кормандон ва таълими фанҳои «Идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар шароитҳои

махсус», «Асосҳои идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ», «Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» ва ғ. истифода бурд.

– **муайян карда шуд, ки** низоми огоҳкунии пешакӣ аз заминҷунбӣ, обхезӣ, пешгирӣ ва рафъи дигар оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ айни замон дар асоси нақшаҳои оперативии махфӣ амалӣ мегардад, ки мухолифи талаботи зербанди 1 банди 1 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26-уми июли соли 2014, № 1095 мебошад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки нақшаҳои оперативии ғайримахфӣ барои вокуниши саривақтӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ коркард ва тасдиқ карда шаванд, аз ҷумла, дар Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ дар шакли фармонҳо, дастурамалҳо ва нақшаҳо коркард карда шаванд;

– **коркард карда шуд:** ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолият, вобаста ба ташкил ва идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ консепсияи зерини дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст:

– таҳлил ва арзёбии воқеии ҳолатҳои фавқулода, вазъи ташкил ва фаъолияти муштараки қувваҳо ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла, самтҳои баланд бардоштани самаранокии чунин фаъолият;

– муайян намудани вазифаҳоии асосии мақомоти корҳои дохилӣ дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

– тартиби созмон додан ва истифодабарии гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи мақомоти корҳои дохилӣ дар минтақаи ҳолати фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– таъмини ҳуқуқии фаъолияти гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– навсозии фаъолият ва тақвияти имкониятҳои гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии мақомоти корҳои дохилӣ;

– муайян кардани принсипҳои асосӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо, ӯҳдадориҳо ва сохтори чунин гурӯҳи муттаҳидкардашуда;

– таҳияи усулҳои муосир ва муайян кардани хусусиятҳои ташкили муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ байни субъектҳои иштирокчии Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

– таъмини омодагии қувва ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ

ва азнавсозии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ барои фаъолият дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ.

**– муаррифӣ карда шуд:** бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении калонҳаҷм зарурати идоракунии берунии онҳо ба вуҷуд омада, иҷроиши функсияҳои иловагии милитсия оид ба ҳалли вазифаҳои таъхирнопазир, аз қабили наҷот додани одамон, кучонидани аҳолӣ ба минтақаҳои бехавф ва расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба онҳо ба ҷойи аввал мебароянд. Инчунин, дар баробари вазифаҳои асосӣ ва иловагӣ, ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар мавриди таъхирнопазир ба иҷрои вазифаҳои берун аз салоҳияти худ аз қабили соҳилмустаҳкамкунӣ, таъминоти хурокворӣ, гуронидани фавтидагон, пешгирӣ намудани касалиҳои сироятӣ ва ғ. ҷалб карда мешаванд, ки омодасозии онҳо барои иҷрои чунин вазифаҳои таъхирнопазир аз аҳаммият холӣ нест.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажуҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар ниҳодҳои масъули давлатӣ дар ин самт андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти натиҷаи назарсанҷиҳои шаҳрвандон ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба даст оварда шудаанд.

**– барои корҳои таҷрибавӣ:** муқаррарот, хулосаҳо, пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ мебошанд, балки метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилӣ истифода шаванд. Аз ҷумла, дар фаъолияти амалии ШВКД, ҚМҲ СХДО, РВКД ва дигар ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; дар раванди таълим дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимии ВКД, ки ба таълими фанни «Идоракунии МКД дар ҳолатҳои махсус» машғул мебошанд; дар таҳия ва такмили қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба танзим медароранд;

**– ғоя асоснок шудааст, ки о**мода сохтани нақшаҳои оперативии ғайримахфӣ барои вокуниши сариваќтӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении сатҳи гуногун ва ташкил кардани гурӯҳҳои

мутамарказонидашудаи функсионалӣ дар вазорату идораҳои салоҳиятдор мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, барои ташкил кардани гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалӣ дар Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода сохтани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ дар шакли фармонҳо, дастурамалҳо ва нақшаҳо зарур мебошад. Инчунин, омода сохтани чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байниидоравӣ ҷиҳати ташкили ҳамкорӣ ва идоракунии муштараки гурӯҳҳои муттамарказонидашудаи функсионалии вазорату идораҳои марбута, мусоидат хоҳад кард;

– **муайян шудаанд:** мухолифатҳои қонунгузории фавқулодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои мукаммал кардани онҳо; номутобиқатии асосҳои ташкилии идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва мукаммал сохтани самаранокии фаъолияти чунин ҷузъу том дар доираи гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашуда дар тамоми минтақаҳои эҳтимолии ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ. Инчунин, муайян карда мешавад, ки кафили баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт, бо таври мунтазам гузаронидани машқҳои ситодӣ-фармондиҳӣ ва тактикӣ-тахассусӣ дар вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таълимии онҳо, аз ҷумла, дар ҷойҳои эҳтимолии ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ махсуб меёбад;

– **истифода карда шуданд:** дар раванди таҳқиқи рисолаи диссертатсионӣ ҳисоботи расмии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ва ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2020 то соли 2025, натиҷаҳои назарсанҷӣ дар байни шаҳрвандон ва кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд. Ҳамчунин, таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба самти фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ва ташкили фаъолияти байни онҳо дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ асос ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқарраროти илмӣ то сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 17 сентябри соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Нуруллозода Меҳрулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 10 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 10 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назарзода Н.Ҷ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабзода Р.М.

17 сентябри соли 2026